

*Қаламкаш хоҳӣ гардидан, сабақ аз Рӯдакӣ гирӣ,*
*Бихоҳӣ тегкаш будан, бигир ту теғи Синоро!!!*

№1 (1), 8.03.2018

# ШИФО

Ҳафтаномаи соҳавии нашрияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ



## БА ТАНДУРУСТИИ АҲОЛӢ ЭЪТИБОРИ АВВАЛИНДАРАҶА МЕДИҲЕМ

**(Иқтибос аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, 22.12.2017, ш.Душанбе)**

**Вакилони муҳтарам!**

Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти он, ки саломатии мардум шарти муҳимтарини пешрафти мамлакат мебошад, ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба тандурустии аҳолӣ эътибори аввалиндараҷа медиҳад. Дар давоми 26 сол дар кишвар барои таъмин намудани аҳолӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ бо оби тозаву босифати нӯшокӣ, ки омили асосии ҳифзи саломатӣ аст, ба маблағи қариб 1 миллиард сомонӣ лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва кумаки беруна амалӣ шуда, дар ин самт татбиқи лоиҳаҳо боз ба маблағи 1,2 миллиард сомонӣ идома дорад. Дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ислоҳот бомаром идома ёфта, дар натиҷаи мунтазам афзудани маблағгузорӣ дар ду соли охир садҳо муассисаҳои нави тандурустӣ, ки дорои таҷҳизоти замонавии тиббӣ мебошанд, мавриди истифода қарор гирифта, сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ беҳтар шуда истодааст. Бо вуҷуди пешравиҳо, бояд гуфт, ки дар соҳа ҳоло ҳам як силсила мушкилоте боқӣ мондаанд, ки ислоҳи саривақтӣ мехоҳанд. Тоҷикистони мо дорои неъматҳои бебаҳои табиӣ-обҳои табобативу гиёҳҳои шифобахш буда, муҳит ва табиати кишварамон барои рушди соҳаи дорусозӣ ва бунёди истироҳатгоҳҳо дар мавзеи обҳои шифобахш бисёр мувофиқ аст. Вале истифода аз ин имконот ва ташкили инфрасохтори муосири табобативу солимгардонӣ ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Дар Паёми соли гузашта доир ба масъалаи пастсифат будани маводи доруворӣ ва пеш нарафтани саноати дорусозӣ изҳори нигаронӣ карда будам. Вале вазъият дар ин самт то ба ҳол беҳтар нашудааст. Ҳоло дар мамлакат 32 корхонаи хурди соҳа фаъолият дорад, вале онҳо ҳамагӣ 240 номгӯи маводи доруворӣ ва тиббиро истеҳсол мекунанд. Яъне нарасидани доруворӣ, пастсифат будани аксари онҳо ва рушд накардани саноати дорусозӣ дар мамлакат ба яке аз масъалаҳои ташвишовар табдил ёфтааст. Ҳол он ки дар кишвари мо зиёда аз 3500 навъи гиёҳҳои шифобахш ва садҳо сарчашмаи обҳои гарми табобатӣ мавҷуданд. Бо мақсади беҳтар намудани вазъ пешниҳод менамоям, ки аз соли 2018 воридоти технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шавад. Мо ба раванди солимгардонии маъюбон, дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакони ятиму бесаробонмонда, оилаҳои камбизоат ва дастрасии онҳо ба хизматрасонии тиббиву иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар ин самт ҳамаи тадбирҳои саривақтиро амалӣ карда истодаем. Масалан, маблағгузории хона-интернатҳои ятимон, маъюбон ва пиронсолон дар 1 сол ба 1 бошанда 21.000 сомонӣ ва хонаи кӯдакон ба 1 кӯдак 15.000 сомонӣ рост меояд, ки нисбат ба соли 2010 мутаносибан 4 ва дуюним баробар зиёд аст. Барои мактаб-интернатҳои низоми маорифи кишвар бошад, ба як хонанда дар як сол аз буҷети давлат ба ҳисоби миёна 7500 сомонӣ маблағ сарф карда мешавад, ки афзоиши он дар 7 соли охир беш аз 3 баробарро ташкил медиҳад. Вале масъалаҳои вобаста ба тайёр кардани кадрҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ҷорӣ кардани шаклҳои инноватсионии кори иҷтимоӣ ва таъмини муҳити дастрас барои маъюбон беҳбудиро тақозо доранд. Аз ин рӯ, ба вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм супориш дода мешавад, ки оид ба ҳалли мушкилоти мавҷуда чораҳои зарурӣ андешида, камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намоянд.

**Нарасидани доруворӣ, пастсифат будани аксари онҳо ва рушд накардани саноати дорусозӣ дар мамлакат ба яке аз масъалаҳои ташвишовар табдил ёфтааст.**

Ҳукумати кишвар ба масъалаи шуғл ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ диққати махсус дода, дар ин самт якчанд барномаҳои давлатиро амалӣ намуда истодааст. Соли 2017-ум 135.000 ҷои кори доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ ташкил шудааст, ки ин мушкилоти нарасидани ҷойҳои кориро дар мамлакат ҳал карда наметавонад. Аз ин рӯ, мо бояд дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватанӣ ва тавассути ҳарчи бештар ҷалб намудани сармояи дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим сохтмони корхонаҳои хурду миёна ва азхудкунии заминҳои навро, ки омили муҳайё кардани ҷойҳои кори нав мебошанд, ҷиддӣ ба роҳ монем. Вобаста ба ин, Ҳукумат вазифадор аст, ки ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои хурду миёна тадбирҳои бетаъхир андешад ва дар давоми соли 2018-ум 110.000 ҷои кори доимӣ, бахусус, барои занону ҷавонон таъсис диҳад. Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила, рушди сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки масъалаи шуғли аъзои ҳар як оилаи кишварро таҳлил карда, ҷалби онҳоро ба соҳаи кишоварзӣ, корҳои хонагӣ, косибӣ, ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, корҳои мавсимӣ ва хизматрасонӣ таъмин созанд. Дар баробари ин, касбомӯзии калонсолонро ба роҳ монда, дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ марказҳои касбомӯзӣ ташкил карда шаванд.

Бо дарназардошти саҳми созандаи ҷавонон дар мамлакат мо соли 2017-ро Соли ҷавонон эълон намудем. Ин иқдом дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба дастгирии ҷавонон нақши назаррас бозид. Ташаббуси мазкур, инчунин, барои боло рафтани ҳисси ватандӯстӣ, ташаккули тафаккури ҷавонон оид ба масъалаҳои ифтихори миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ такони ҷиддӣ бахшид. Боиси қаноатмандист, ки ҷавонони бонангу номус ва боиродаи мо ҳамчун нерӯи созанда дар маъракаҳои муҳимми давлативу ҷамъиятӣ фаъолона иштирок карда, дар корҳои ободонӣ ва бунёдкорӣ ҳиссаи сазовор гузошта истодаанд. Дар ин раванд, зарур аст, ки минбаъд худи ҷавонон ташаббускори амалҳои созанда бошанд, дастовардҳои илмиву эҷодии худро сари вақт муаррифӣ созанд, ба муқобили зуҳуроти номатлуб мубориза баранд, зиракии сиёсиро аз даст надода, дар ҳифзи амнияти ҷомеа ва давлат омода бошанд, таъриху фарҳанги халқамонро гиромӣ доранд ва барои ободиву пешрафти минбаъдаи Ватани маҳбубамон саъю кӯшиш намоянд. Ғамхории Ҳукумат нисбат ба ҷавонон танҳо бо Соли ҷавонон маҳдуд намешавад. Баръакс, ҳалли масъалаҳои вобаста ба наврасону ҷавонон минбаъд низ самти муҳимтарини фаъолияти мо хоҳад буд. Мо бояд ба оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим ва рушди бемайлони варзиш дар мамлакат таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем. Варзиш ҳамчун қосиди сулҳ воситаи беҳтарини муаррифии давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад. Имсол варзишгарони тоҷик дар бисёр мусобиқаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ иштирок карда, шаъну шарафи Ватани азизамонро баланд бардоштанд, ки ин дастовардҳои онҳо туҳфаи сазовор ба Соли ҷавонон аст. Ҳарчанд ки дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат аз соли 2011 то 2016-ум беш аз 1400 иншооти варзишии нав бунёд гардида, қариб 1100 иншоот таъмиру таҷдид шудааст, вале мо бояд дар оянда низ ба бунёди майдонҳо, иншооту толорҳои варзишӣ ва рушди минбаъдаи инфрасохтори соҳаи варзиш диққати ҷиддӣ диҳем. Имсол танҳо дар шаҳри Душанбе 75 майдону марказҳои хурду бузурги варзишӣ бунёд гардида, дар аксари гулгаштҳо ва боғҳои фароғату истироҳат ҷойҳои алоҳидаи машқу тамрин сохта шуданд, ки ин ҳама ба оммавигардонии варзиш ва ташвиқи тарзи ҳаёти солим дар байни наврасону ҷавонон мусоидат менамояд. Роҳбарияти шаҳри Душанбе, иловатан, тасмим гирифтааст, ки соли 2018 дар пойтахти мамлакат барои наврасону ҷавонон боз 90 майдонҳои варзишӣ ва гулгаштҳои нав сохта, то ҷашни истиқлолият ба истифода супорад. Дар доираи ин ташаббус ба роҳбарони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супориш дода мешавад, ки нақшаи чорабиниҳо таҳия карда, то ҷашни 30-солагии истиқлолият ҳамаи имкониятҳоро ба оммавигардонии варзиш, ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва рушди варзиш сафарбар созанд. Зарур аст, ки дар маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот, маҳалҳои аҳолинишину деҳаҳо якҷо бо соҳибкорону тоҷирон ва дигар шахсони саховатпеша бунёди боғу гулгаштҳо, марказҳои истироҳату фароғат, майдону толорҳои варзишӣ ва дигар корҳои ободонӣ дастҷамъона идома дода шаванд.



# ТАБРИКОТИ

## вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Олимзода Насим Хоҷа

**Модарон ва хоҳарони азиз!**

**Бонувони гиромӣ!**

Бо арзи эҳтиром ва беҳтарин таманниёт Шуморо ба ифтихори фарорасии баҳори хуҷастапайк ва ҷашни фархундаю муборак-Рӯзи модар аз номи кулли кормандони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ муборакбод мегӯям. Барои Шумо, модарони азиз ва хоҳарони аҷманд, дар ин айёми баҳору гулафшонии табиат сарсабзию саломатӣ, рӯзгори пурсаодат, хонаи ободу осуда ва барои фаъолияти минбаъдаатон барору комёбиҳои нав орзумандам.

Мақому манзалати Зан-Модар дар ҷомеаи мо ҳамеша болост ва дар ин маврид ғамхориҳои рӯзафзуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастуру ҳидоятҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таҳкими мақом ва таъмини ҳуқуқи конститутсионии занон пайваста равона гардида, ин тадбирҳо зина ба зина мутобиқ ба меъёрҳои ҷомеаи ягонаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ амалӣ мегарданд.

Ҷашни расмии давлатӣ эълон шудани Рӯзи модар дар Тоҷикистон гувоҳи равшани мавқеи баланди Шумо-модарони азиз, дар ҷомеа аст. Иди бонувон баробари оғози эҳёи табиат - фасли баҳор фаро мерасад, ки мардумро ба кору пайкори нав, нақшаву чораандешиҳои тозае роҳнамун месозад.

8 март воқеан яке аз зеботарин ҷашнҳост. Ин рӯзро башарият бо як эҳсоси гарму хушҳолӣ пешвоз мегиранд, зеро он ҷашни хосаи занону модарон-тарбиятгарони наслҳои башарият, офарандагони хушбахтиву зебоӣ ва покизагист.

Заҳматҳои беназири Зан-Модар дар ҳаққи фарзанд ва ба воя расонидани ӯ ҳамчун насли ояндаи барӯманди Ватан моро водор месозад, ки қадру қиммат ва ҳурмату эҳтироми модарро ҳамеша ба ҷо орем ва барои ӯ шароити созгоре фароҳам созем, то тавонад дар баробари фаъолияти созандааш фарзандони солиму соҳибмаърифат ва муаррификунандаи фарҳангу тамаддуни волои миллиро тарбия намояд.

Занон ва бонувони кишвар аз ин ғамхориҳои Сарвари Давлат рӯҳу илҳоми тоза гирифта, дар пешбурди соҳаҳои гуногуни ҷомеа саҳми босазо мегузоранд. Умедворем, занони мо минбаъд низ дар баробари тарбияи фарзанд, тарғиби одобу ахлоқ, арзишҳо ва дигар муқаддасоти миллӣ, ҳамчунин, дар пешбурди ҳаёти ҷомеа саҳми босазои худро мегузоранд.

Бо камоли эҳтиром ва ниятҳои неку самимӣ дар ниҳоят, бори дигар ҳамаи Шумо-Модарони азизу бонувони гиромиқадрро ба муносибати Рӯзи модар, фарорасии Наврӯзи ҳуҷастапайк сидқан табрик намуда, ба аҳли хонаводаи Шумо бахту саодат, ободиву рӯзгори хуш таманно менамоям.

**Идатон муборак!**

# Камхунии дараҷаи вазнин байни ҳомиладорон ҳанӯз зиёд аст

**Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Вазорати тандурустии ҶТ дар кишвар ягона марказест, ки дар лаҳзаҳои душвортарин ба занони ҳомила кӯмак мерасонад ва барои онҳо чун умеди охирин аст. Чунки таҷҳизоти беҳтарини тиббии замонавӣ ва ҳам мутахассисони сатҳи баланди соҳаи гинекология ин ҷо фаъоланд. Перомуни фаъолияти ин Пажуҳишгоҳ дар соли сипаришуда суҳбате доштем бо директори он Давлатзода Гулчаҳон Қобил.**



**- Мегуфтед, имконияти имрӯзаи Пажуҳишгоҳи шумо ҷиҳати қабули занони ҳомила ва ҳалли масоили марбут ба онҳо чӣ гуна аст?**

- Барои расонидани кӯмаки сифатноки тиббӣ дар клиникаи пажӯҳишгоҳ шуъбаҳои зерин мавҷуданд: шуъбаи якуми акушерии модару кӯдак бо 25 кат, шуъбаи кӯмаки махсусгардонидашудаи акушерӣ бо 20 кат, шуъбаи таваллуди бармаҳал бо 15 кат, шуъбаи патологияи ҳомиладории №1 бо 30 кат ва №2 бо 25 кат, шуъбаи реаниматсияи акушерӣ бо 9 кат, шуъбаи бемориҳои гинекологӣ бо 30 кат, шуъбаи амрози духтарона бо 8 кат, шуъбаи гинекологияи эндокринологӣ бо 12 кат, шуъбаи реаниматсияи навзодон бо 9 кат, шуъбаи аввали нигоҳубини навзодон бо 20 кат, шуъбаи барқарорсозии саломатии навзодон бо 15 кат, шуъбаи таваллуди алтернативӣ бо 6 кат, шуъбаи эндовидеоҷарроҳӣ бо 10 кат дар хизмати беморон қарор дорад. Инчунин шуъбаҳои қабул, таваллуд, ҷарроҳӣ, дармонгоҳи маслиҳатию ташхисӣ, ташхиси функсионалӣ, машваратдиҳии тиббию генетикӣ, кӯмаки сайёри махсусгардонидашудаи фаврии акушерӣ низ баҳри расонидани кӯмаки тиббӣ ба занони ҳомила амал мекунанд.

**-Масоили марбут ба кадрҳои баландихтисос ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти дилхоҳ муассиса қарор доранд. Дар ин хусус чӣ мушкил доред?**

-Дар Пажуҳишгоҳи мо феълан 611 коргар фаъолият мекунад, ки аз онҳо 154 нафар духтур, 254 нафар корманди миёнаи тиб ва 151 нафар корманди хурди тиб мебошанд. Дар миёни мутахассисони дорои маълумоти олӣ 4 нафар доктори илми тиб, 2 нафар академик, 35 нафар номзади илми тиб, 1 нафар профессор, 7 нафар дотсент ва 1 нафар ходими калони илмист. Яъне мушкилоти норасоии мутахассисони соҳа дар мо нест. Ҳамзамон дар базаи Пажуҳишгоҳ 17 нафар аспирант, 20 нафар унвонҷӯ бо шумули 5 докторант ва 9 нафар ординатори клиникӣ, инчунин 25 нафар духтури интерн ба омӯзиш машғуланд.

**- Муроҷиати шаҳрвандон ба пажуҳишгоҳ нисбат ба солҳои пешин афзудааст?**

-Дар с.2017 ба дармонгоҳи ташхисию машваратии институти акушерию геникологӣ ва перинотологӣ беш аз 10.000 мизоҷ муроҷиат кардааст, ки ба онҳо 20552 ташхиси ултрасадо, 5124 доплерометрияи тифл ва 87140 таҳлилҳои лабораторӣ гузаронида шудаанд. Аз ин миён 2733 зан аз ш. Душанбе ва 7553 зан аз навоҳии атроф мебошанд. Дар 12 моҳи с. 2017 ба шуъбаи қабул 11806 нафар ворид шуданд, ки 1457 нафари онҳо аз ш. Душанбе ва 10349 нафар




аз деҳоти мухталиф буданд. Яъне шумули таваллудкардагон аз ш.Душанбе 5% афзуда, сабабаш дар хоҳиши занҳо барои таваллудкунӣ дар шуъбаи алтернативӣ, ҳомиладорони мубталои бемориҳо аз қабили диабети қанд ва бемории дилу рагҳост. Шумораи таваллудкардаҳо аз деҳаҳо 85.5%, 71.5%-и онҳо аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриянд, аз ҷумла, 40.9% аз н.Рӯдакӣ, аз ноҳияҳои вил. Хатлон -9.8%, ВМКБ 0.8% ва вил. Суғд 3.3%...

**-Яке аз масоили рӯзмарра ин фавти кӯдакон аст ва 1%-и муайяни кудакон ҳангоми таваллуд мефавтанд. Ин шумора дар с.2017 чӣ қадар буд?**

-Давоми с.2017 ҳамагӣ 8567 таваллуд ба қайд гирифта шуд, ки 78.7%-и он таваллуди саривақтӣ буда, ба нишондоди с.2016 баробар аст. Таваллуди пеш аз муҳлат 12,3%-ро ташкил намуд. Шумораи навзодони мурда таваллудшуда 2,6% буд, ки қариб 88%-и он фавти антенаталии тифл то воридшавӣ ба статсионар буда, 27 навзод дар лаҳзаҳои таваллуд бо нуқсони модарзодӣ, преэклампсияи вазнин, пеш аз муҳлат ҷудошавии ҳамроҳак, вайроншавии гардиши хун байни ҳамроҳак ва тифл фавтиданд. Фавти навзодон 288 (3,4%)-ро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 38 тан (13.2%) навзодони расида ва 250 (86,8%) навзодони норасид аст. Инчунин, 150 тифл бо нуқсонҳои модарзодӣ зода шуданд.

**- Дар мавриди ҷарроҳии буриши қайсар (кесаревосечение) вақтҳои охир хеле зиёд ба назар мерасад. Сабабаш дар чист?**

-Дар 12 моҳи с.2017 ҳамагӣ 2009 ҷарроҳии бурриши қайсарӣ гузаронидем, ки ҳамагӣ 9%-и он ҷарроҳии нақшавӣ буда, 91%-и дигарро ҳолатҳои фаврӣ ташкил намуд. Чун соли сипаришуда нишондоди асосӣ барои анҷоми ҷарроҳии қайсарӣ ин мавҷуд будани изи ҷарроҳӣ дар бачадон бо авоaccording ризҳо буд, яъне ҷарроҳии такрорӣ. Баъдан сабабҳои дигар бо шумули пеш аз муҳлат ҷудошавии ҳамроҳак; то валодат даридани халтаи гирди тифл бо аворизҳо; таваллуди обструктивӣ; преэклампсияи вазнин бо аворизҳо, дистресси тифл, пешомади ҳамрояк... буданд. Инчунин давоми с.2017 дар 1223 ҳолат таваллуди сунъӣ гузаронидем. Сабабҳои ба миён омадани таваллуди сунъӣ ин преэклампсияи вазнин, фавти антенаталии тифл, то валодат даридани пардаҳои назди тифл, нуқсони модарзодии тифл, ҳомиладории аз мӯҳлат гузашта аст. Бояд гуфт, ки чун солиёни пешин камхунии дараҷаи вазнин ва экстремалӣ байни ҳомиладорон ҳанӯз зиёд мебошад...

**- Дар фарҷом шумо ва кулли бонувони Тоҷикистонро бо рӯзи модар сидқан таҳният мегӯем!**

**Сипос барои сӯҳбати пурмуҳтаво.**

*Мухбири «Шифо»*

# Пайравони Пешвои Миллатем

## *Бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»*

Хуш ба халқи азизи Тоҷикистон, ки дар оғӯши Ватани соҳибистиқлолу ҷавон, озоду обод хушбахтона ва дар амнияту сулҳу осоиштагӣ кору зиндагӣ доранд. Ҳамасола аз ҷониби Пешвои миллат бахри беҳбуд бахшидани сатҳи зиндагии мардум ва расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои инноватсионӣ корҳои зиёд рӯи кор омада истодаанд. Пешвои миллат раҳнамои маънавии мо-ҷавонон буда, мо пайравони воқеии Пешвои миллатем. Ҳамзамон, ёдовар бояд шуд, ки бо ҳидояти бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷумҳурии азизамон дорои мавзеҳои хуби сайёҳӣ, фарҳангиву таърихии қадима, табиати нотакрор ва иқлими гуворо, маданияти баланди меҳмоннавозӣ, таъмини бехатарии шахсӣ ва дигар омилҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумист, ки барои сайёҳони хориҷию дохилӣ ҷолибанд.

Бахши сайёҳӣ дар миқёси ҷаҳонӣ яке аз соҳаҳои сердаромад буда, яке аз омилҳои бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллист. Дар ҷаҳон кишварҳое ҳастанд, ки қисми асосии даромадашон маҳз аз ҳисоби сайёҳӣ ба даст оварда мешавад. Дар солҳои охир бахши сайёҳӣ дар ҷаҳон новобаста аз бӯҳронҳои иқтисодию молиявӣ ва тағйиротҳои иҷтимоӣ бо суръати устувор рушд намуда истодааст. Бояд қайд намуд, ки бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҷалби васеи сайёҳон ба минтақаҳои сайёҳию таърихии Ватани азизамон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёде анҷом дода шудаанд ва дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда сол то сол ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ зиёд шуда истодааст. Ёдовар бояд шуд, ки эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ мавриди таваҷҷӯҳи доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар ин самт тадбирҳои муҳим андешида шуда истодаанд.

Дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ва фурӯши онҳоро аз андозҳо озод намуданд, ки ин тадбир ниҳоят муҳим буда, имкон медиҳад, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд ва ҳунарҳои мардумӣ тараққӣ ёбанд. Сайёҳӣ ва ҳунармандӣ ба ҳам пайвастагӣ доранд. Маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ асосан барои харид аз ҷониби меҳмонон, бахусус, сайёҳони хориҷӣ нигаронида шудааст. Бинобар ин бо роҳандозии имтиёзи мазкур арзиши аслии маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ паст карда шуда, қобилияти рақобатпазирии он устувор мегардад. Ин имконият медиҳад, маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ ҳарчи бештар ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ пешниҳод карда шуда, ҳунармандон даромаднокии худро беҳтару хубтар намоянд ва муаррифии бештари ин ҳунарҳои мардумӣ дар арсаи байналмилалӣ гардад.



Дар ин росто қайд кардан бамаврид аст, ки бахри амалӣ намудани дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз ҷониби роҳбарияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамарӯза ҷораҳои мушаххас андешида мешавад. Тибқи Нақшаи ҷорабиниҳои тасдиқшуда тасмим гирифта шудааст, ки дар арафаи Иди байналмилалии Наврӯз намоиши маҳсули дастон ва ҳунарҳои нодири бошандагони хона-интернатҳо, марказҳои будубоши рӯзона ва кормандони соҳаро дар Муассисаи давлатии "Осоишгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати "Харангон"-и н.Варзоб баргузор намуда, бо ин иқдом рӯҳияи насли ҷавонро барои нигоҳдошти анъанаҳои миллӣ, машғул шудани ҷавонон ба рушди ҳунарҳои мардумӣ ва расму оини ниёгонро баланд бардорад. Ҷавонон бояд ҳамчун меросбарони даврони истиқлол ба рушди урфу одат ва ҳунарҳои мардумии тоҷик саҳми босазо гузоранд. Мо кормандони Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ иҷрои ниятҳои неки Пешвои миллатро ба дӯш гирифта, барои дар амал татбиқ намудани сиёсати имрӯзаи Пешвои муаззами миллат камари ҳиммат баста, сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро ба пиронсолону маъюбон дар сатҳи баланд иҷро мекунем.

*Сафаров Дарвеш САФАРБЕКОВИЧ, сармутахассиси Шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимии Раёсати ташкили хизматрасонии иҷтимоии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ*





# Ҷаласаи навбатӣ оид ба пешгирии коррупсия

Санаи 23 феврали соли равон дар толори маҷлисгоҳи бинои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ҷаласаи навбатӣ баргузор гардид. Ҷаласаро Насим Олимзода, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ бо сухани ифтитоҳӣ ҳусни оғоз бахшида, ҳозиринро ба муносибати 25-солагии таъсисёбии Артиши Миллии ҶТ табрик намуд. Дар ҷаласа, ҳамзамон масоили коррупсионӣ ва роҳу усулҳои решакан намудани ин зуҳурот дар соҳа, бартараф кардани камбудиву норасоии ошкоршуда дар ин ниҳод, минбаъд роҳ надодан ба такрорёбии онҳо, инчунин ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо дар самти пардохти нодурусти музди меҳнат, сафарҳои хизматӣ, изофанависӣ дар корҳои сохтмонӣ, рӯйпӯши андозҳо, камомади молу мавод, бо иштироки намояндагони Палатаи ҳисоби ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ сурат гирифт.

Дар ҷамъомад Нигора Муқимӣ-сардори раёсати дуюми сарраёсати пешгирии коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ баромад намуда, зимни суханронии хеш оид ба ҳолатҳои коррупсионӣ ва роҳҳои мубориза алайҳи ин зуҳурот, инчунин дар самти амалисозии "Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" корҳои пешгирии коррупсионӣ дар байни кормандони тиб ибрози назар намуд. Нигора Муқимӣ зимни баромад диққати ҳозиринро ба масоили мафҳуму моҳияти коррупсия, зуҳуроти номатлуби он дар ҷомеа ва зарари манфӣ доштани он дар пешрафту шукуфоии давлат ҷалб намуд. Ҳамчунин дар вохӯрӣ таҳлили хавфҳои коррупсия, роҳу усулҳои пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ, дарки амиқи зарару оқибатҳои ногувори он, масоили иҷрои бечунучарои талаботи қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва дар амал татбиқ кардани он мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар ҷаласа масъалаҳои мубрами соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар кори ҷаласа, Акрамхон Кӯчакшозода-сарудитори Палатаи ҳисоби ҶТ ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо дар самти пардохти нодурусти музди меҳнат, сафарҳои хизматӣ, изофанависӣ дар корҳои сохтмонӣ, рӯйпӯши андозҳо, камомади молу мавод ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз баромад намуд. Баъд аз мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додани ду масъалаи муҳим миёни кормандони соҳаи тиб, ки он ҳам решакан намудани амалҳои коррупсионӣ ва бартарафсозии камбудиҳо дар самти пардохти нодурусти музди меҳнат, бо иштироки намояндагони Палатаи ҳисоби ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, ҳамзамон масъалаҳои мубрами соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳу василаи бартараф намудани онҳо мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шуд.



# 4 СОЛИ НАЗАРРАС

**Бардоштҳо аз 4 соли фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Ҳамаи кормандони дастгоҳи марказии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зерсохторҳои онро бо 4-солагии таъсисёбию фаъолияти пурсамари эшон таҳният гуфта, саломатӣ, умри дарози бобаракат, хонаи ободу бахту иқболи нек ва дар кори басо ҳам мушкилу муҳим бурдборӣ хоҳонам. Орзуманди онам, ки ба мардуми шарифи Тоҷикистон боз ҳам баҳри ҳар чӣ беҳтару сифатноктар намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба табақаҳои ниёзманди аҳолӣ, дар партави дастуру супоришҳо ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон талоши зиёд хоҳед намуд.***

***Бурдбориву комёбиҳои беназир насибатон бод!***

**ОЛИМЗОДА НАСИМ ХОҶА, вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ**

Баҳри иҷрои Фармони Президенти ҶТ таҳти №12 аз 19.11.2013 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2014 тибқи қарори Ҳукумати ҶТ таҳти №168 аз 4.03.2014 Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ таъсис дода шуд, ки мутобиқи Низомномааш мақомоти иҷроия буда, вазифаҳои таъминоти кафолати хизматрасонии давлатиро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ менамояд. Аз рӯзи таъсиси Агентии мазкур 4 сол сипарӣ гашт ва дар ин муддати начандон тулонӣ дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ба табақаҳои осебпазири ҷомеа корҳои назаррасе ба анҷом расидаанд. Агентӣ фаъолияташро дар партави дастуру супоришҳои Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ баёншуда, инчунин дар заминаи Стратегияву барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии соҳавӣ ба роҳ мондааст. Пешвои муаззами миллат дар Паёми соли гузашта, аз ҷумла қайд намуданд, ки "мо ба раванди солимгардонии маъюбон, дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакони ятиму бесаробонмонда, оилаҳои камбизоат ва дастрасии онҳо ба хизматрасонии тиббиву иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар ин самт ҳамаи тадбирҳои саривақтиро амалӣ карда истодаем".

Хизматрасонии иҷтимоӣ ба мардуми ниёзманди ҷумҳурӣ ҳамеша дар мадди назари Пешвои миллат ва сиёсати Ҳукумати ҶТ қарор дошта, дар 4 соли фаъолияти Агентии мазкур санадҳои муҳими пешбарандаи фаъолият дар ин самт қабул шудаанд. Аз ҷумла, ба имзо расидани Конвенсияи СММ "Оид ба ҳуқуқи маъюбон" 2 феврали соли ҷорӣ, қабул ва тасдиқ шудани "Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020" тибқи қарори Ҳукумати ҶТ №455 аз 28.10.2016, қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.07.2014, №437 "Дар бораи идома ва ҷорӣ намудани механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат", Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак", №1196 аз 18.03.2015 аз зумраи асноди тақдирсози фаъолияти соҳаанд, ки қабул ва иҷрои онҳо барои беҳшавӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии иҷтимоӣ равона карда шудааст. Агентӣ мақомоти ҳокимияти иҷроия буда, вазифаҳои таъминоти кафолати хизматрасонии давлатиро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо амалӣ намуда, вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

Дар доираи амалисозии "Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар муассисаҳои будубоши доимии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хона-интернатҳои бемориони рӯҳӣ ва хона-интернатҳои пиронсолону нафақахурон айни ҳол 1380 нафар бошандагон ба таъминоти давлатии доимӣ фаро гирифта шудаанд, ки аз инҳо 305 нафараш кӯдакони маъюб ва 1075 нафарашон калонсолонанд. Дар номгӯи муассисаҳои системаи Агентӣ 1 осоишгоҳ-Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Харангон»-и н.Варзоб ва 3 истироҳатгоҳ-"Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Дӯстӣ»-и н.Ҷайҳун, «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Ромит»-и ш.Ваҳдат ва «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Биби Фотимаи Заҳро»-и н.Ишкошим бо филиалаш дар н.Роштқалъа (Занинс) ба таври мавсимӣ фаъоланд. Дар маҷмӯъ имконияти истироҳатгоҳҳо дар 1 баст 320 кат-ҷойро ташкил мекунад. Дар осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳо дар давоми фаъолияти мавсимии чорсола 11402 нафар ба истироҳату табобат фаро гирифта шудаанд.

Дар Муассисаи давлатии "Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо" 526 нафар кормандони иҷтимоии шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон ва маъюбон, хона-интернатҳо, осоишгоҳ, истироҳатгоҳҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба курсҳои такмили ихтисос ва 152 нафар ба бозомӯзӣ дар самти "хизматрасонии иҷтимоӣ" фаро гирифта шуданд. Инчунин, аз ҷониби ин Маҷмаа ба 589 тан кӯдакони имконияташ маҳдуд корҳои тавонбахшӣ гузаронида шудааст. Дар Муассисаи давлатии "Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби "Чорбоғ"-и н.Варзоб дар давоми 4 соли сипаришуда 200 нафар кӯдакони маъюб дар будубоши доимиянд ва дар ин муддат ба 2400 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд хизматрасониҳои иҷтимоии тавонбахшӣ расонида шудаанд. Бояд гуфт, ки хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ яке аз самтҳои муҳими соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба шумор рафта, ба шаҳрвандоне расонида мешаванд, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта, аз ҳама бештар осебпазиранд ва ба дастгирию роҳбаладии иҷтимоӣ мӯҳтоҷанд. Яке аз шаклҳои пазируфта дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ пешниҳод намудани хизмати бевосита дар макони зисти эҳтиёҷманд, дар муҳити одаткардааш аст. Ҷиҳати пешниҳоди ин шакли хизматрасонӣ дар миқёси ҷумҳурӣ 40 адад шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият доранд. Ҷиҳати ҳарчи бештар расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолони яккаву танҳо, маъюбон, одамони ғайриқобили меҳнат, бе ҷои зисти муайян ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат 6 адад Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ фаъолият доранд. Барои беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва камхарҷ гардонидани онҳо 37 адад марказҳои хизматрасонӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятӣ таъсис дода шудаанд, тибқи шартнома бо Агентӣ фаъолият доранд. Ҷиҳати тавонбахшии кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки ба роҳбаладӣ ва тавонбахшии иҷтимоию тиббӣ ниёз доранд, тибқи шартнома бо Агентӣ 24 адад марказҳои будубоши рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд фаъолият карда истодаанд. Ҳамзамон, таҳти сарпарастӣ ва маблағгузории Агентӣ 4 маркази хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолону маъюбони яккаву танҳо ва 2 маркази дигар барои шаҳрвандони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта ва қурбони савдои одамон шуда, дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва навоҳии Хуросон, А.Ҷомӣ ва Ёвон фаъолияти пурсамар доранд. Давоми фаъолияти 4-сола аз тарафи шабакаҳои хизматрасонии иҷтимоии будубоши муваққатӣ дар ҷумҳурӣ ба 31945 тан шахсони эҳтиёҷманд хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, иҷтимоӣ-равонӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ расонида шудааст, ки аз ин шумора 7667 нафарашро кӯдакони имкониятшон маҳдуд ва 24278 нафарашро пиронсолону шахсони яккаву танҳо ташкил медиҳанд. Тибқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.10.2016, №416 "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3.07.2014, №437 механизми таҷрибавии кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ айни замон дар 40 шаҳру ноҳияи таҷрибавӣ амалӣ шуда истодааст. Тибқи нақша низоми нави таъин ва пардохти кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат дар соли ҷорӣ дар 28 шаҳру ноҳияҳои боқимондаи ҷумҳурӣ ҷорӣ карда мешавад. Низоми нави таъин ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ бар ивази 2 механизми қаблӣ-кӯмакпулӣ барои мактаббачаҳои оилаҳои камбизоат ва ҷубронпулӣ барои истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ ҷорӣ карда шудааст.

Кӯмаки унвонии иҷтимоӣ-ин шакли нави расонидани кӯмаки иҷтимоӣ буда, тариқи накдӣ ба оилаҳои камбизоате дода мешавад, ки вазъи некӯаҳволии онҳо ба талаботи меъёрҳое, ки дар Методикаи муайян намудани оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат муқаррар шудааст, мувофиқат мекунад. Дар 4 сол барои гирифтани кӯмаки унвонии иҷтимоӣ 295699 оила бо ариза муроҷиат намуда, аз онҳо аризаи 272173 муроҷиаткунанда ба системаи иттилоотии барнома ворид карда шудааст. Дар натиҷаи коркарди маълумот 235472 оила ба гирифтани кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ ҳуқуқ пайдо карданд. Шумораи умумии аъзои оилаи гирандаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, ки статуси камбизоатӣ гирифтанд, дар 4 соли сипаришуда 1509443 нафарро ташкил намуд. Ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ барои пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ дар 4 соли фаъолият 86 527415 сомониро ташкил кард. Қайд бояд кард, ки рафти иҷрои қарорҳои Ҳукумати ҶТ аз 2.05.2007, №244 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат", ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҶТ таҳсил мекунанд ва аз 1.08.2008, №379 «Дар бораи тақвияти кӯмакрасонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат» дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ амалӣ шуда, таҳти назорати доимӣ қарор доранд. Дар 4 соли сипаришуда шумораи оилаҳои камбизоат тибқи дархости комиссияҳои шаҳрию ноҳиявӣ дар ҷумҳурӣ 437411 оиларо ташкил дод, ки ҳамагӣ ба ин оилаҳо 76 616 180 сомонӣ ҷубронпулӣ барои истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ пардохт карда шудааст. Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар 4 сол ҳаҷми кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил мекунанд, дар маҷмӯъ ба 531 125 нафар хонандагон аз оилаҳои ниёзманди ҷумҳурӣ ба маблағи 16 593 864 сомонӣ пардохт карда шудааст. Оид ба таъмини ниёзмандон бо маҳсулоти ортопедӣ ба тариқи ройгон аз ҷониби Корхонаи давлатии "Заводи протезию ортопедӣ"-и ш.Душанбе барои 42929 нафар ниёзманд таъмин шуданд. Ҷиҳати ҳамкорӣ бо ВАО пешниҳоди гузоришҳои телевизионӣ ва радиоӣ оид ба пешрафт ва татбиқи сиёсати Ҳукумати ҶТ дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ кормандони Агентӣ бо журналистону таҳиягарон, аз ҷумла, МД ТВ "Сафина", "Тоҷикистон", радиои "Садои Душанбе", маҷаллаи "Даво", рӯзномаи "Азия Плюс", рӯзномаи "Шифо" ҳамкориҳои ҳамешагии мутақобила доранд.

# Тамоку марговар аст



Тибқи таҳлилҳои пажуҳишгарон ҳамасола дар сайёраи замин наздики 6 миллион инсон аз дуди тамоку ба ҳалокат мерасад. Аз ин шумора зиёда аз 5 млн. ҳолат дар байни истеъмолкунандагони кунунӣ ва собиқ истеъмолкунандагони тамоку, ҳамчунин беш аз 600.000 ашхоси гирифтори таъсири дуди тамоку ба қайд гирифта шудааст. Аз рӯи таҳлилҳои мутахассисон, дар таркиби дуди тамоку беш аз 4000 моддаҳои кимиёвӣ, ки ҳадди ақал 250 намуди онҳо ба саломатӣ хатарнок ва зиёда аз 50 намудашон канцерогенҳо мебошанд, мавҷудият доранд. Ҳануз солҳои 1950 ҷаҳониён ба тариқи зарурӣ дарк карданд, ки истеъмоли тамоку боиси марг мегардад. Бо тадқиқоту корбариҳои ҷиддӣ нисбат ба оқибатҳои истеъмоли тамоку муайян шуд, ки истеъмоли ин номгуй маҳсулот, аз ҷумла, носу сигор ба саломатии инсон таъсири манфӣ мерасонад. Дар таркиби дуди тамоку моддаҳои заҳрноке ҳастанд, ки тани солимро ба дардҳои гуногун гирифтор мекунанд. Миқдори моддаҳои заҳрноки тамоку хеле зиёд буда, тақрибан ба 1200 адад мерасад. Олимон бар онанд, ки дар таркиби тамоку моддаҳои заҳрогини химиявӣ, ба мисли бензатратсен, изотопи радиоактивии калий ва як қатор карбогидридҳо мавҷуданд. Моддаи асосии зудтаъсир ва заҳрогини тамоку ин никотин аст. Дар баргҳои тамоку миқдори никотин аз 1 то 1.5, аммо дар баъзе навъҳояш то ба 6-8% мерасад. Ин моддаи заҳрнок бештар ба узвҳои асаб, ҳозима, роҳҳои нафаскашӣ, дилу рагҳои хунгард, гурда, ҷигар… таъсири бад мерасонад. Тибқи пажӯҳишҳои илмӣ, шахсе, ки дар 1 рӯз аз 1 то 9 дона сигор мекашад, ҳадди ақал 4 соли умри худро кам мекунад. Агар истифодаи сигор дар 1 рӯз аз 10 то 19 дона ва зиёда аз он сурат гирад, сигоркаш аз умри худ 5-6 солро ҳоҳад бохт.

Аз рӯи таҳлилҳои коршиносони арсаи байналмилалӣ дар асри 20 тамоку сабабгори марги беш аз 100 млн. одамон шудааст. Аммо ба иқрори олимон, агар ин тамоюл нигоҳ дошта шавад, чунин шумора дар асри XXI метавонад то ба 1 миллиард бирасад. Агар чораҳои зарурӣ андешида нашаванд, то с.2030 дар ҷаҳон ҳамасола шумораи фавтидагоне, ки маргашон ба истеъмоли тамоку алоқамандӣ дорад, ба 8 миллион мерасад. Ин дар ҳолест, ки тибқи пажуҳиши дигар, дар ҳар 6 сония аз таъсир ва истеъмоли тамоку тақрибан 1 нафар ба ҳалокат мерасад, яъне, аз 10 ҳолати фавт, байни одамони калонсолу миёнасол, якеаш бо сабаби таъсири тамоку дониста мешавад. Беш аз нисфи истеъмолкунандагони тамоку дар шароити ҳозира, аз бемориҳое мефавтанд, ки пайдоишашон ба тамокукашӣ алоқамандӣ дорад.

**Таърихи пайдоиши сигор**

Таҳқиқгарон менависанд, дар с.1492 мелодӣ Кристофор Колумб бо ҷамъеи ҳамроҳон аз ҷазирае дар миёни Америкаи шимолӣ ва ҷанубӣ дидан мекунанд. Зимни боздид Колумб мушоҳида менамояд, ки мардуми маҳаллии он ҷо гиёҳи аҷиберо рӯи оташ рехта, дудашро фурӯ мебаранд. Ӯ нахуст тасаввур кард, ки минтақаи ҷодугаронро кашф кардааст. Аммо вақте аз наздик дид, он чизи дигаре будааст, ки ҳатто тасаввурашро ҳам накард ва ҳангоми бозгашт миқдоре аз баргҳо ва донаҳои он гиёҳро бо худ ба Испания овард ва ба ин тартиб он ба Аврупо роҳ ёфт. Мардуми Аврупо нахуст номи онро «Тубоку» ва дар Осиё онро «Танбоку» номида, дар забони форсӣ «Тутун» ном ниҳодаву дар байни мардуми тоҷик бо номи «Тамоку» шӯҳрат дорад.

Табибон зимни бозомӯзии тамоку муайян кардаанд, ки дуди он дар байни одамони калонсол бемориҳои хатарноки дилу рагҳои хунгард ва роҳи нафас, ҳамчунин, бемории ишемияи дил ва саратони шушро ба вуҷуд меорад. Дар байни кӯдакони ширмак бошад, ин боиси марги онҳо шуданаш мумкин. Инчунин, ҳосили ин дуд ба занҳои ҳомила низ таъсири манфӣ расонида, боиси таваллуди кӯдаки норасо ва кӯдакони камвазн мегардад. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки дар сигор 4000 моддаи химиявии хатарнок ҳамчун омуниёк «ammoniaque», сурб ва орсинк мавҷуд аст. Аммо моддаи коҳ сабаб мегардад то истеъмолкунандаҳояш ба он ҷалб шаванд. Никотин аз баргҳои гиёҳи тамоку ҳосил мегардад. Никотин моддаи заҳрноки равғанмонандест ва хеле таъсири зиёд дар таҳрик ва саркӯбии бадан дорад. 1 дона сигор дарбаргирандаи 8 то 20 милиграмм никотин аст, ки танҳо 1 милиграмми он ҳангоми кашидани сигор дар бадан ворид мегардад. Никотин пас аз ворид шудан ба ҷараёни хун мустақиман ва сареъ ба мағз расида, сипас дар тамоми бадан паҳн мешавад. Пас аз 10-15 сонияи фурӯ бурдани дуди сигор ба дарун моддаи никотин ба мағзи сар расида, нахуст мағзро карахт карда оромиш мебахшад ва онро ба ин мавод муътод мекунад. Ба гуфтаи муҳаққиқон дар ҳолати идома пайдо кардани ин раванд мағз карахт шуда, қувваи ҳофиза суст ва фаромӯшхотирӣ ба бор меояд. Никотин сабаби дар хун афзудани одриналин шуда, зарбаҳои қалбро меафзояд, инчунин иллати коҳиши инсулини қанди хун мегардад. Никотин сабаб мешавад глюкозаи беш аз маъмул дар хун вуҷуд дошта бошад, бинобар ин боиси он мегардад, ки шахс камтар эҳсоси гуруснагӣ кунад. Маводи никотин дар хун чунон таъсири манфӣ дорад, ки колорияи баданӣ шахси солимро беш аз маъмул хоҳад сӯзонд ва шахси истеъмолкунандаи тамоку бинобар истеъмоли давомнокии он вазнашро кам мекунад. Тибқи тадқиқоти табибон истифодаи рӯзмарраи сигор шахсро ба амрози зерин гирифтор мекунад:

**1.Фишори хун.**

**2.Масдудшавии рагҳои хунгард ва ғализии хун, ки ба сактаи қалбӣ меорад.**

**3.Камшавии витамини С дар бадан.**

**4.Камшавии системаи эминии бадан.**

**5.Саратони даҳон, гулу ва ҳанҷара.**

**6.Бранхит ва омфезим.**

**7.Захми меъда.**

Баробари дарки он ҳама хислатҳои манфии маҳсулоти тамоку ва зиёну оқибатҳои ногувори он ҷаҳониён тӯли солҳои зиёд аст, ки зидди он мубориза ҷиддӣ бурда истодаанд. Ҳамин аст, ки даврa ба даврa Ташкилоти умумиҷаҳонии Тандурустӣ ҳамчун ниҳоди ҳифзкунандаи сатҳи сиҳатии сокинон дар мубориза алайҳи истеъмоли маҳсулоти тамоку дар ҳамкорӣ бо кишварҳои сайёра ва ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ ба қадри бояду шояд тадбирҳои амалие рӯи даст гирифтаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви комилҳуқуқи сайёра ва шарики боэътимоди кишварҳои олам дар мубориза алайҳи маҳсулоти тамоку бетараф намуда, ба қадри тавон нисбати мубориза зидди он саҳми худро гузошта, то ба имрӯз бобати решакан намудани истифодаи маҳсулоти тамоку миёни ҷомеаи кишвар ва башарият талош меварзад. Қабули Қонуни ҶТ аз 29.12.2010 «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку», Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи танзими муомилоти маҳсулоти тамоку» (28.01.2013), инчунин ворид кардани тағиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» (2.01.2018) аз тадбирҳои амалии Ҳукумати ҶТ дар мубориза алайҳи маҳсулоти тамоку дониста мешавад. Маврид ба зикр аст, ки Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба маҳдуд кардани истифодаи маҳсулоти тамокуро бо мақсади ҳифзи солимӣ ва пешгирии беморшавии аҳолӣ танзим карда, фаъолият оид ба истеҳсол, воридот, содирот ва фурӯши ин гуна маҳсулотро муайян мекунад. Дар интиҳо бо ифшои ин ҳама факту далел оид ба зарари истеъмоли тамоку ба инсон сигоркашӣ ё носкаширо метавон яке аз хислатҳои бади инсонӣ шуморид. Чун тамоку метавонад ба тариқи ноаён инсонро ба доми марг роҳсипор намояд.

*Суғдмеҳри МАЪРУФЗОД*

## Амалиёти сарпайванд

Табиби италиявӣ-Серджио Канаверо, ки ба гузаронидани амалиёти ҷарроҳии пайванди сари инсон омодагӣ мебинад, гуфтааст, ки ҷарроҳӣ дар Олмон сурат мегирад, вале Канаверо рӯзи аниқи гузаронидани амалиётро эълон накард. Валерий Спиридонов-барномасози рус дар лоиҳаи ҷарроҳӣ, ки таҳти унвони «Осмон» сурат хоҳад гирифт, барои гузаронидани ин амалиёти беназир розигӣ додааст. Валерий 30 сол дошта аз бемории Вердинг-Хофман танқисӣ мекашад. Ин касалӣ сабаби маъюбии ӯ шудааст. Интизор меравад, ҷарроҳӣ 36 соат давом кунад. Табибони ҷарроҳ дар бораи насби сари инсон андешаҳои гуногун доранд: бархе аз онҳо чунин имконияро истисно намедонанд, вале ба мувафқақ шудан боварии комил надоранд, дигар табибон пайванди сарро фикри осону сабук шумурда, ба бемуваффақият анҷом ёфтани он мӯътақиданд.



# Қанд заҳр аст, аммо ширин!





«Сол то сол миқдори аморзе, ки боиси паст шудани қобилияти меҳнатӣ, маъюбӣ ва марганҷомӣ мешаванд, меафзояд». Ин гуфтаҳоро қариб дар ҳама натиҷагириҳои тадқиқотҳои илмӣ, ки дар бораи омӯзиши сабабу чараён ва оризаҳои бемориҳо гузаронида мешавад, ёфтан мумкин. Ман мехостам диққати шуморо сари яке аз ин гуна бемориҳо «бемориҳои дилу раг» ҷалб кунам. Масъала муҳим аст. Воқеан, миқдори беморшудагон на танҳо дар сол, вале гуфтан мумкин, дар рӯз ҳам меафзояд. Оризаҳои ин бемориҳо чашмрасанд. Хатар дар он аст, ки беморӣ аз ҳисоби ҷавонон зиёд шуда истодааст. Масалан, сактаи дил. Пештар агар синну соли гирифторшудагон ба ин беморӣ аз 70 боло буд, ҳоло ҷавони то 40-сола аз оризаҳои сактаи дилу майнаи сар азият мекашад. Ҳодисаҳои фавти нобаҳангом-яке аз нишонаҳои аввали ин беморӣ, дар афзоиш аст. Чаро? Барои он, ки бисере аз бемориҳо ба шакли пӯшида-латентӣ ҷараён доранд. Дар давраe, ки кор аз бозӣ мегузарад, яъне организми шахси бемор аз мубориза хаста мешаваду масунияти одам дигар тобу тоқати мубориҳзаро надорад, беморӣ рӯ мезанад. Ана ҳамон ҳолат агар имконият ба мо даст диҳад, мо ба мутахассисон муроҷиат мекунем. Ин алоқамандӣ дорад, албатта аз сатҳи донишу маърифати мо, ки «пеши кӣ равем?». Табибон бошанд дар ин ҳолат дигар чӣ кор мекунанд? Ҳамчун «пожарник» баромад мекунанду сӯхторро хомӯш, лек сабабҳои алангагирӣ боқӣ мемонанд. Бо ин «преамбула» гуфтаниям, ки ҳар яки мо дар бораи пешгирии бемориҳо бояд дарак дошта бошем. Беморӣ дар ҷои ҳамвор ба вуҷуд намеояд. Омилҳои худро доранд. Масалан, бемориҳои ишемиявии дилу мағзи сар. Мо бояд аз овони кӯдакӣ барои пешгирии ин бемориҳо мубориҳзаро оғоз кунем. Барои чӣ? Барои он, ки яке аз омилҳои сар задани ин беморӣ ҷинс асту сину сол ва ирсият. Ин омилҳо бошанд танҳо ҳангоми шароити мусоид фароҳам овардан ба пайдоиши беморӣ таъсир мерасонанд. Яъне бояд донем, ки боз кадом омилҳо ҳастанд, ки таъсири инҳоро боз ҳам пурзӯр мекунанд. Яке аз ин омилҳо истеъмоли ғизо аст. Оё метавонад, ки истеъмоли ғизо сабаби беморӣ бошад? Албатта! Реҷаи истеъмоли ғизо, миқдори он, тарзи омода ва ба дастархон пешниҳод кардан, сифати маҳсулот, суистеъмол аз ин ё аз он ғизо метавонад таъсири манфии худро расонад. Мо дар бораи яке аз он маҳсулоти ғизоӣ, ки эҳтимолан сабаби ба амрози ишемиявии дилу майнаи сар гардад, сӯҳбат менамоем! Ин маҳсулот Қанд аст. Мо ин маҳсулотро медонем, дӯст медорем, истифода мебарем. Дастархонро ба он ва дигар маҳсулоти қандӣ оро медиҳем. Агар яке онро дар чой истифода кунад, дигаре дар дохили дигар ғизоҳо, ба мисли пухтупазҳо, булкаҳо, печенҳо, торту пирожниҳо истифода мебаранд. Қанд қариб 150 сол боз ба қитъаи мо ворид шуда, қиматаш бисёр гарон буду на ба ҳама дастрас ва ҳатто дар аптекаҳо низ онро мефурӯхтанд. Он солҳо қанд танҳо аз тросники қандӣ истеъмол мешуд. Ҳоло 40% аз лаблабуи қанд ва 60% аз тросники қандӣ истеҳсол мешавад. Қанд дар бадани мо ба глюкоза ва фруктоза табдил ёфта, тез аз худ мешавад. Яъне зуд ҳазм мешавад. Барои ҳамин гӯё хосияти қанд яке аз манбаҳои хуби энерҷӣ барои бадани мост, лек дар қанд ягон зарра микроэлемент ва ё витамин вуҷуд надорад, яъне қимати биологӣ надорад. Лекин дар 100 гр қанд тибқи ҳисобҳо 374 ккал. энергия ниҳон аст. Фикр мекунем, он яке аз маҳсулотҳои беайбтарин ва ғайр аз фоида дигар наметавонад зароровар бошад? Вале метавонад, ки ҳам фоида ва ҳам зарар кунад!!! Тавре мегӯянд, дар андаки ӯ албатта манфиат аст, чунончӣ қанд майнаи сар ва мушакҳои моро бо энергия таъмин менамояд. Инчунин қанд метавонад бардошти фаъолияти ҷисмониро пурзӯр ва мондашавиро кам кунад. Пас аз истеъмоли қанд миқдори серотонин дар хун афзуда, одам худро роҳат ва хушбахт ҳис мекунад. Агар одам аз истеъмоли қанд ва маҳсулоти қандӣ даст кашад, албатта аҳволаш бад мешавад. Қанд барои хун, гардиши сутунмӯҳра ва майнаи сар лозим аст. Пас аз истеъмоли қанд дар натиҷаи ҳосил шудани кислотаҳои ҷуфти глюкуронӣ ва сулфурӣ баъзе аз заҳрҳо дар бадан тоза мешаванд. Истифодаи миқдори ками қанд метавонад буғумҳоро аз беморшавӣ нигоҳ медорад. Эҳтимол меравад, миқдори ками қанд ба рагҳои дил низ нафъ оварда, метавонад аз сар задани гиреҳҳои атеосклерозӣ дар қабатҳои шараёнҳои дилу майнаи сар ҳимоя кунад. Миқдори кам, чӣ миқдорест? Бо ба инобат гирифтани зарар ва нафъи қанд барои бадани инсон Ташкилоти Байналмилалии Тандурустӣ (ТБТ) истеъмоли камтар аз 5%-и ҷамъи истеъмоли калория (аз миқдори умумии колорияи аз дигар маҳсулот бадастомада) ба миқдори 30 гр/шабонарӯз зарур донистаасту халос. Ана ҳамин 30 гр/шабонарӯз ё 5-10% истифодаи колорияи энерҷии шабонарӯз (ин ҷо қанди рафинадӣ ба ҳисоб гирифта нашудааст) зарур аст. Занҳо метавонанд дар давоми рӯз то 100 кал. ширинихо ва мардҳо то 150 кал. истифода баранд. Ин миқдор қанд бо назардошт аз дигар маҳсулоте, ки дар таркибашон қанд доранд ва мо онҳоро истифода мебарем, ба ҳисоб гирифта шудааст. Ин албатта беҳуда нест. Чунки духтурон ва ҳамон ТБТ ҳам қандро ҳамчун «заҳри ширин» ном мебаранд.



*Хусейн РАҲМОНОВ, табиб, ш.Душанбе*

## Аҳамияти парҳез ҳангоми бемории қанд

Аксар одамон ба муҳимияти парҳез ҳангоми табобати дилхоҳ беморӣ чандон аҳамия намедиҳанд. Вале ҳангоми бемории қанд, хосса, дараҷаи дуюм масъалаи парҳез хеле ҷиддист ва ҳатман бояд риоя шавад. Чаро ки маҳз халалдор гардидани мубодилаи моддаҳо дар организм сабаби аслии пайдоиш ва хуруҷи бемории қанд ба шумор меравад. Аз ин рӯ, аксари табибон бар он ақидаанд, ки риояи парҳез тақрибан роҳи ягонаи табобати бемории қанд аст. Ҳадафи аслии парҳезкорӣ ҳангоми табобати бемории қанд ин кам кардани углевод ва чарбу ҳини қабули ғизо мебошад.




## Ғизои муфид барои беморони қанд

Ҳангоми истеъмоли дурусти ғизо интихоб бояд сари меваҷоту сабзавот, маҳсулоти ширию гӯштӣ қарор бигирад. Чунки ҳангоми манъи истеъмоли глюкоза захираи воқеии нерӯ дар организм зуд тамом шуда, ба камшавии сафедаҳо оварда мерасонад. Баҳри пешгирии ҳолати мазкур бояд миқдори кофии сафедаҳо, витаминҳо ва микроэлементҳо истеъмол карда шавад.



## Лӯбиё ва бемории қанд

Лӯбиё яке аз сарчашмаҳои муҳими сафедаҳову аминокислотаҳо ба шумор меравад. Хусусияти шифобахшии лӯбиёи сафедро қайд кардан бамаврид аст. Мутаассифона, аксари гирифторони бемории қанд ба он аҳамият намедиҳанд. Шояд намедонанд, ки лӯбиёи сафед чи қадар муҳим асту аз он ғизоҳои мухталифи болаззат омода кардан имконпазир. Дар мавриди аминокислотаҳои дар таркиби лӯбиё буда муҳимтаринашон триптофан, валин, метионин, лизин, треонин, лейтсин, фенилаланин ва гистидин мебошад. 1 қисмати аминокислотаҳо дар организм синтез намешаванд ва бояд ҳамроҳ бо хӯрок ба организм ворид гарданд. Дар миёни микроэлементҳо бошад витаминҳои С, В, РР, синк, калий, фосфор ва оҳан аҳамияти муҳим доранд. Ҳамаи инҳо барои кори мӯътадили организм ҳангоми зиёд будани сатҳи глюкоза дар хун хеле муҳиманд. Лӯбиё инчунин ба мубодилаи дурусти углевод дар организм таъсири мусбат мерасонад.

# Тутмавиз аҷали хунукзадаҳост!

Дар боғи меросии аз падарамон монда 3 дарахти азими тут ҳаст. Ниёи мо мегуфтанд: «Дар ҳавлӣ ё боғи ҳар касе дарахти тути сафед, ё балхӣ ҳаст, аъзои он оила хору зор намешаванд ва гуруснагӣ намекашанд». Ҳар пагоҳӣ баъди тутро афшонидан аз чодари плёнкагӣ ба тағораҳо рехта, тоза карда, ба дегҳои калон мерезем. Агар меваи тут сахттар бошад, онро болои чиғ (навдаҳои рости ба ҳамдигар басташуда) мехушконанду тутмавиз тайёр мекунанд. Меваи тути ба дегҳои калон ан



дохташударо ҷӯшонда, шиннӣ мепазанд, ки он ба дардҳои чигар, шамолхӯрда, хунукзадагӣ давои хуб аст. Вақте одам шинниро мехӯрад ё тутмавизро, талаботи ба қанд доштаи организм ё ҷисми одамӣ қонеъ шуда, аъзои оила қанд нахарида, пули онро барои хариди дигар масолеҳи зарурӣ сарф карда, сатҳи зиндагиашон баландтар мешаваду истеъмоли нон камтар...

*Ҳасанбой ШЕРЗОДА, рустои Миндона, ш.Панҷакент*



Аппарат для очистки помещений
"Шарнир" в коленке
См. фото
Позади фронта
Возбудитель инфекций
Военный сторожевой корабль
Золотая овчина
Первый президент России
Лекарство для сердца
Кровопролитие на международном уровне
Домашнее животное, сторонник гигиены
Эритроцитная реакция (аббр.)
Актер ... Мерфи, сыграл доктора Дулитла
Первая греческая буква
Титул командира янычар
Знаменитый дореволюционный психиатр
"И микробов убивает" (реклама)
Наука о болезнях уха
Пациенты педиатра
Полосатый халцедон
Античный герой, слабый на пятку
Разновидность сумеречного состояния и новелла Цвейга
Застревающий в горле
Рентгеновский ...
Греческая буква, с которой начинается врач для дураков
Болит после застолья
Мужчины - сильный ...
Обувь для палаты
Сырье для опия
"Гранатовый браслет" (режиссер)
"Здоровье" (старое имя канала)
Ненормально низкий рост человека
Мать опыта
Чародеи
Полосатые и с жалами
Богатый жених Дюймовочки
Мышца под небом
Первый шейный позвонок и каменный мужик под балконом
Птица-"акушер"
"Строение", возведенное дантистом
Противоядие при отравлениях
Полость между челюстями
И медицинский, и метеорологический инструмент
И шахматный, и киношный приз

# ВНМО фоҷиа дар пай дорад



***Чун нақши тибби оилавӣ дар Тоҷикистон хеле зарур аст, ҳар хонавода ба тибби оилавӣ ниёз дорад. Имрӯз табибони оилавӣ баҳри пешгирии бемориҳои гуногуни барангезанда мубориза мебаранд. “Шифо” тасмим гирифт бо Мутахассиси шӯъбаи бизнес, нақшагирӣ ва таҳрири рушди тибби оилавии Муассисаи давлатии маркази Ҷумҳуриявии таълимии клиникии тибби оилавӣ, Искандарова Заррина дар мавриди бемории “Вабои аср” (ВНМО) суҳбате орояд. Мавсуф аз зумраи пизишконест, ки баҳри солимгардонии ҳар хонаводаи тоҷик талошҳои худро дареғ надоштааст. Нахуст аз ӯ пурсидем, ки дар Тоҷикистон ВНМО аз кай зуҳур кард?***

- ВНМО дар аксари кишварҳои дунё боиси фоҷиаҳои гуногун шудааст. Ин беморӣ ҳаёти шаҳрвандони алоҳида ва ҷомеаро барбод дода, ба оризаҳои зиёд оварда мерасонад. Сарчашмаи нахустини сирояти ВНМО дар алоқаи ҷинсии гомо (мард бо мард) ошкор шудааст. Соли 1981 дар Маркази идоракунӣ ва пешгирии беморҳо дар ИМА 5 ҳолатҳои пневмонияи пневмосистӣ дар ҷавонон ва 28 ҳолатҳои саратони Капоширо ошкор карданд ва ҳамин тавр давраи сирояти ВНМО/БПНМ дар ҷаҳон оғоз ёфт. Дар Тоҷикистон бошад, с.1991 ҳодисаи аввали ВНМО ба қайд гирифта шудааст. Он бештар дар байни ҷавонони синни аз 15 то 39 - сола ба назар мерасад.

**-Чӣ симптом (аломат) дорад нафаре, ки гирифтори ин навъи беморист?**

-Аломати гирифторони ин беморӣ гуногун асту ба давраҳои гуногун тақсимбандӣ мешаванд. Давраи аввали сарирӣ (клиникӣ) ин ҷараёни беаломатӣ ва лимфаденопатияи умумии маҳин аст. Давраи дуюми сарирӣ ин 10% камшавии вазн аз ҳисоби вазни умумии бадан, иллатёбии сабуки пӯсти бадан ва пардаҳои луобии он (себория, дерматити хоришак, мағор задани нохунҳо, гингивит), шукуфаи камарӣ дар 5 соли охир ва сирояти шадиди роҳҳои нафас (ба мисли синусити бактериалӣ) аст. Давраи сеюми сарирӣ бештар аз 10% камшавии вазн аз ҳисоби умумии бадан, дарунравӣ ва ҳароратбаландии сабабаш номаълум (мунтазам ё такроршаванда)-у давомнокиаш беш аз 1 моҳ, бемории кандидозии ковокии даҳон, сили шуш дар давоми солҳои охир ва сирояти вазнини бактериали (илтиҳоби шуш, илтиҳоби фасодии мушакҳо, дардманд, рӯзона то 50%-и онро дар бистар мегузаронад) мебошад. Давраи чоруми сарирӣ бештар аз 10% камшавии вазн аз ҳисоби умумии бадан. Дарунравӣ ва ҳароратбаландии сабабаш номаълуму давомнокиаш беш аз 1 моҳ. Илтиҳоби шуш (пневмоцити), токсоплазмози мағзи сар, сирояти ситомегаловирусӣ бо илтиҳоби тамоми узвҳо ба истиснои ҷигар, испурч ва гиреҳҳои лимфатикӣ (масалан, ринит), сирояти вируси табхоли оддӣ, кандидози сурхрӯдаю хирной ва шохчаҳои шуш, заҳролудшавии салмонелёзии хун (ғайр аз Salmonella typhi), сили ғайри шуш, лимфома, саратони капоши, ВНМО-энцефалопатӣ, вайроншавии ҳаракат маҳсуб меёбанд.

**-Роҳҳои гузариши ин беморӣ чӣ гуна сурат мегирад?**

- Аслан, роҳҳои гузариши ин дардро соҳаи тиб гуногун арзёбӣ мекунад. ВНМО асосан бо роҳҳои алоқаи ҷинсӣ мегузарад (бе рифола 3%). Ҳамзамон, бо роҳҳои вертикалӣ-аз модари бо ВИЧ сироятшуда ба ҷанин дар вақти ҳомиладорӣ, таваллуд ва маконидани кӯдак (50%), бо роҳҳои парентералӣ-дар вақти хунгузаронӣ ва ҷузъҳои он (90-100%), ҷойивазкунии узвҳо ва бофтаҳо, дар вақти истифодабарии сӯзандоруҳои сироятшуда, асбобҳои тиббии тамизнашуда метавонад, ки шахсони солимро низ ба ин мубтало кунад. Мехостам ҳамчун табиби оилавӣ мардумро огоҳ намоям, ки ВИЧ дар кадом ҳолатҳо намегузарад: Истифодаи ҳоҷатхонаи умумӣ, вақти оббозӣ кардан дар ҳавзҳо ва обанборҳо, ҳангоми гуфтугӯ (ҳавоию қатрагӣ), ҳангоми фишурдани дастон (саломкунӣ), вақти истифодаи асбобҳои хӯрокхӯрии умумӣ, вақти бӯсидан, неш задани ҳашарот (пашша, хомӯшак)...



**-Ҳама комилан зидди инкишофи ин навъи бемориянд. Аммо бо ин вуҷуд ВНМО дар афзоиш аст. Чаро?**

-Яке аз омилҳои асосие, ки ба хуруҷ ёфтани ВНМО дар Тоҷикистон боис шудааст, ин аз ташхиси тиббӣ нагузаштани муҳоҷирони меҳнатист. Муздуроне, ки ба кишвар бармегарданд, бояд ҳатман аз ташхиси тиббӣ гузаранду аз сиҳатии хеш огоҳ бошанд. Лек бештари онҳо аз ташхис намегузаранд. Худ аз ин дард дарак надоранд ва ин метавонад дигар аъзои хонаводаро сироят намояд. Тибқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ ягон шахс (ё корманди тиббӣ) аз афроди бо ВНМО сироятшуда ҳуқуқи талаб кардани маълумоти зарурӣ оид ба бемориро бе розигии онҳо надорад. Ҳангоми вуҷуд доштан ё пайдо шудани нишонаҳои клиникии ВНМО дар шахсоне, ки ба муассисаҳои тиббӣ муроҷиат мекунанд, табибон бояд барои гузаштани ташхиси ВНМО фиристанд. Ҳангоми хуб будани ташхиси хун шахс метавонад статуси худро ба духтури табобатиаш фош кунад. Тадқиқотҳо низ афзудани миқдори ҳодисаҳои сироятёбии занон аз ВНМО тавассути мардони аз муҳоҷират баргаштаро тасдиқ мекунанд. Бояд гуфт, дар Тоҷикистон аз 1.07.2016 дар Қонун «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди (санадҳои) ҳолати шаҳрвандӣ» манъ кардани издивоҷ миёни хешовандони наздик ва ба Қонун «Дар бораи муоинаи ҳатмии тиббии издивоҷкунанда» тағйироту иловаҳо лозима ворид карда шуданд. Бо назардошти ворид шудани тағйиру иловаҳо ҷавонон пеш аз издивоҷ ҳатман бояд аз муоинаи тиббӣ, аз ҷумла, муоинаи ВНМО низ гузаранд.

**-Омилҳои хавфи “Вабои аср” дар ҷомеа чӣ гуна аст?**

-Омилҳои хатари “Вабои аср”: шаҳрвандон-занони ҳомилаи ба ВНМО сироятёфта, ки ба онҳо исқоти тиббии ҳамл гузаронида шудааст, истифодабарандагони маводи мухаддири тазриқӣ, шахсоне, ки амрози бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда (сӯзок, оташак, хламидиоз, трихомониаз) бо таҳлили озмоишгоҳи тасдиқшуда доранд, шумораи шаҳрвандоне, ки дар натиҷаи амалиёти ҷарроҳӣ ё гузаронидани хун ва ҷузъҳои он сироят ёфтаанд, шумораи шаҳрвандоне, ки алоқаи ҷинсии ҳифзношуда (алоқаи ҷинсии тасодуфӣ бе истифодаи рифола) ва якчанд шарики ҷинсӣ доранд, муҳоҷирони меҳнатӣ. Албатта, паҳншавии чунин беморӣ метавонад атрофиён зарари худро расонад. Аз ин рӯ, мо ҳамеша баҳри нигоҳ доштани ҷомеаи солим кӯшиши худро ба харҷ медиҳем...

**-Табобат аз ҷониби табибони оилавӣ бо шахси ба ВНМО гирифторшуда чӣ гуна сурат мегирад?**

-Бояд дар хотир дошт, ки БПНМ на дар ҳар шахси сироятёфта рушд меёбад ва натиҷаи мусбии санҷиш маънои онро надорад, ки сироятдида бояд ҳатман ба табобати зиддиретровирусӣ (ЗРВ) фаро гирифта шавад. Дар солҳои қаблӣ қарор дар бораи оғоз кардан ё накардан, ё кай сар кардани дармони зиддиретровирусӣ аз бисёр омилҳо вобаста буд, аз ҷумла, аз сатҳи ҳуҷайраҳои CD4 ва шумораи вирусҳои дар хун қарордошта. Феълан, тибқи тавсияҳои ТУТ (с.2015) қабули маводи ЗРВ-ро дарҳол баъди муайян намудани ташхис, новобаста аз миқдори CD4-ҳуҷайраҳои хун бояд оғоз карда шавад. Сарбории вирусиро тавассути табобати муносиб, аз ҷумла, истеъмоли шабонарӯзии якчанд маводи ЗРВ, дар сатҳи паст қарор доштан имконпазир аст. Бо ин тарз беморон метавонанд вазъи саломатиро солим нигоҳ дошта, давомнокии умрро биафзоянд ва хатари интиқоли ВНМО ба дигаронро коҳиш диҳанд. Имрӯз ВНМО ба гурӯҳи бемориҳои музмини идорашаванда дохил шуда, вобаста ба табобати муносиб одамони бо ВНМО зиндагикунанда метавонанд ҳаёти комил ва фаъол ба сар баранд. Табобати ВНМО назорати пайвастаи табибонро тақозо карда, риояи тавсияҳои амалӣ, хосса, истифодаи маводи доруворӣ хело муҳим аст. Истифодаи нодурусти маводи доруворӣ хавфи мутобиқшавии барангезандагонро афзуда, мутаносибан самаранокии табобати беморон паст мегардад. Дар ин раванд, оғози табобати ВНМО тағйироти куллиро дар тарзи ҳаёти онҳо талаб мекунад, ки асосан ба таъсири маводи доруворӣ ба сирояти ВНМО вобастаанд. Масалан, баъзе аз маводи доруворӣ талаб менамоянд, ки бемор ғизоро дар вақтҳои муайян истеъмол намояд. Дар баробари ин, тамоми доруворӣ дар давоми рӯз танҳо дар вақтҳои муайяншуда истеъмол карда мешаванд ва самаранокии табобат аз вақти истеъмоли ғизо низ вобастагии бевосита дорад. Аз ин рӯ, қатъ кардани табобат ба паҳншавии босуръати вирус оварда мерасонад, ки дар натиҷа маводи ЗРВ таъсири худро ба сирояти ВНМО гум карда, дар натиҷа ҳолати умумии бемор батар мешавад. Зимнан, нуктаи муҳимро бояд гуфт, ки ворид кардани тағйиротҳо дар нақшаи табобати чунин беморон танҳо дар мувофиқа бо мутахассиси тиб анҷом дода мешавад.

**-Табибони оилавӣ баҳри пешгирии он чӣ нақшаҳоро ба анҷом мерасонанд?**

-Албатта, табибони оилавии клиникаи мо баҳри пешгирии чунин беморӣ кӯшишу талошҳои худро мекунанд. Дар кишвари мо давоми 18 соли охир рушди кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ аз рӯи принсипи тибби оилавӣ амалӣ шуда истодааст ва воҳӯрии якуми беморон ҳангоми муроҷиат ба муассисаи тандурустӣ маҳз бо мутахассисони тибби оилавист (дар 80% ҳолатҳо). Мо ҳамеша машварати пеш аз озмоишии ВНМО-ро барои тамоми шаҳрвандон тавсия ва амалӣ мекунем...

***Суҳбати Нӯшофарини Умарзод***




*Муассис Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ.*

Сармуҳаррир Шаҳрзоди Амин

Котиби масъул, тарроҳ: Идибек Маҳмудҷонов

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

Суғдмеҳри Маъруфзод,
Зайнаб Анварӣ,
Нӯшофарини Умарзод

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**Олимзода Насим Хоҷа** - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ

**Умарзода Саида Ғайрат** - муовини якуми вазир

**Одиназода Азиз Абдусаттор** - муовини вазир

**Камолзода Мирҳамуддин** - муовини вазир

**Содиқова Дилором Нуруллоевна** - ёрдамчии вазир

**Холзода Абдулҳаким Қувват** - директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ

**Фазила Яфталиева** - директори Маркази матбуоти вазорат

●

Ҳафтанома тибқи қарори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.02.2018 таҳти №058/РЗ-97 ба қайд гирифта шудааст.

●

Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ мерасад
Теъдоди нашр 5000 нусха

**Нишонӣ:**
734025, ш.Душанбе, кӯч.Шевченко 69,
тел: 44-600-60-02, 93 760 60 61